***Гадоев Идибек*** *- Ёвари директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон*

# НАҚШИ ҲАМКОРИИ ОИЛА ВА МАКТАБ ДАР ТАРБИЯИ НАСЛИ НАВРАС

***Мо ифтихор дорем, ки ҷавонони бонангу номуси мо давомдиҳандагони кори насли калонсол, неруи тавоно ва иқтидори воқеии пешрафти ҷомеа, яъне ояндаи давлату миллат мебошанд.***

**Эмомалӣ Раҳмон**

Масъулият худ эҳсосест, ки дар рафтори ҳар як шахсияти комили ҷомеаи мутамаддин ва ҳар як фарди бедордил вобаста ба ин ё он вазифае, ки ба душаш гузошта шудааст, дида мешавад. Аммо тақозои замон аст, ки ин масъулиятро баҳри беҳбудии ҳаёти инсон дар худи инсон давлат ва қонунгузорӣ бедор намояд. Давлати мо низ тавассути қонунгузории хеш тавонист ба ин бе тафовут набошад. Пеш аз ҳама сарчашмаи асосии ин ташаббус меъёрҳои Конститутсияи амалкунандаи мо мебошанд, ки ба тарзи зерин пешбинӣ шудаанд.

Дар қисми дуюми моддаи 34-и Констутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки **«Падару модар барои таълиму тарбияи фарзандон масъул мебошанд»**. Вазифаи падару модар муҳайё намудани шароити мусоид барои инкишофи мӯътадили ҷисмонӣ ва руҳии фарзанд, таъмини шароити арзандаи зиндагӣ ва пеш аз ҳама масъулият барои пешгирӣ ва роҳ надодан ба амалҳои ношоистае, ки фарзандонашон метавонанд аз беаҳмиятии онҳо содир намоянд.

Дар мавриди таълиму тарбияи ҷавонон мутаффакирони бузурги форсу тоҷик суханони зиёде гуфтаанд ва яке аз он мутаффакирон Муҳаммад Ғаззолӣ мефармояд: ***“Фарзанд амонат аст дар дасти падару модар ва дили фарзанд нафис асту нақшпазир, ҳар нақше, ки ба ӯ гузорӣ, чун мушк ба худ бигирад ва чун замин пок аст, ба саодати дину дунё расад, падару модар дар он савоб шарик бошанд. Агар тухми бадӣ афканӣ ва ӯро ба ҳолаш гузорӣ ва ба ҳарҷӣ хоҳад, нишинад, ҳаргиз аз вай умеди некӣ макун”.***

Албата, ки ба дунё омадани фарзанд барои ҳар як оила боиси шодию хурсанди мегардад. Қадами мубораки тифл ба хонадон нуру зиё ва саодату сафо бахшида, оиларо мустаҳкам, иродаи волидонро қави ва боварию эътимоди онҳоро ба якдигар бештар мегардонад. Дар миён бояд дарк намуд, ки барои солим нигоҳ доштани оила масъулияти баланде ба души волидон хоҳад буд. Зеро таваллуди фарзанд, дар баробари он ҳама шодию

хурсанди доштанаш бо худ масъулияти балнд ва вазифаҳои хосаеро дорост. Солиму бардам ба воя расонидани фарзанд яке аз вазифаҳои аввалин ва муҳимми ҳар як оила дар назди ҷамъият буда, аз падару модар масъулияти баланро талаб менамояд. Зеро оила маконест, ки дар он ҷо кӯдак ба дунё омада, лафзи модарӣ, меҳри падарӣ ва кӯмаки якдигарро ҳис ва эҳсос мекунад. Ӯ сарчашмаи алифбои тарбияро маҳз аз оила мегирад.

Чӣ тавре, ки педагогҳои барҷастаи замон ба монанди А. П.Макаренко, В. А Сухомлинский ва дигарон зикр намуда буданд, *«маҳз дар оила инкишофи равонӣ, ҷисмонӣ ва маънавии кӯдакон шакл гирифта, хиштҳои нахустини бинои меҳру муҳаббат, ҳамдилӣ, ташаккули ҷаҳонбинии кӯдакон гузошта мешавад».*

Оила маконест, ки ҳар як шахс аввалин таълиму тарбияи хешро маҳз аз он ҷой мегирад. Мегуянд: **«Падару модар дар дунё мисли дарахтанд ва фарзандон меваҳои он дарахт ҳар қадар хубу хуштзод бошад, мевааш низ ба ҳамон ҳад наку хоҳад буд».**

Волидон мувазафанд, ки нисбати тарбияи фарзандон ғамхори намоянд, онҳоро ҳамчун шахсони арзандаи ҷамъият ба воя расонанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бештари оилаҳо ба тарбияи фарзандон диққати махсус дода, онҳоро дар руҳияи муҳаббат ба Ватан, ифтихори милли, эҳтироми ка- лонсолон ва дигар арзишҳои волои башари тарбия менамоянд. Мутаассифона, оилаҳое низ ҳастанд, ки ба тарбияи фарзандон чандон эътибор намедиҳанд, ки ин ба ташаккули шахсияти фарзандон таъсири манфи расонида, тарбияи минбаъдаи онҳоро мушкил мегардонад.

Имрӯз, ки ҷомеаи ҷаҳони дар ҳоли рушду тариқиёт қарор доард, дуруст ба роҳ мондани таълиму тарбияи ҷавонон фазифаи ҷонии ҳар ҷомеъа ба шумор меравад. Зеро тарбияи насли наврас, аз ҷумла ҷавонон ба яке аз масъалаҳои муҳим ва саривақти дар ҳаёти мардуми ҷаҳони муосир ба ҳисоб меравад. Таввaҷуҳ ба ҳалли дурусти он ба пешрафти тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ва фарҳангии мардуми давлатҳои дунё вобастагии калон дорад.

Вобаста ба масъалаи мазкур дар кишвари мо Консепсияи миллии тарбия сиёсати кунунӣ ва дурнамои давлатро дар соҳаи тарбияи миллии оммаи васеи, махсусан насли наврас, таълиму тарбияи фарзанд муайян месозад. Он моҳият, мақсаду вазифаҳо ва мазмуни тарбияи миллиро дар марҳилаи таърихӣ ба танзим оварда, нақш ва мақоми онро дар ташаккули шахсияти инсони комил муайян мекунад, ки яке аз вазифаҳои муҳими имрӯзуояндаи давлат ва ҷомеа дониста мешавад.

Дар ин раванд натанҳо волидон бал, ки саҳми фазорату кумитаҳои дахлдор ва омӯзгорони муассисаҳо хело саҳми арзанда дорад. Зеро барои оне, ки қонуну тартиботи ҷамъиятӣ то меъёри муайян риоя карда шавад,

бояд робитаи падарону модарон ба он муассисаву ниҳодҳои ҷаъиятие, ки ба кори таълиму тарбияи ҷавонон вобастаанд, робитаи мустаҳками тарафайнро ба роҳ монда шавад.

Ин кор агар аз як ҷониб боис ба паст гардонидани сатҳи ҷиноят дар миёни наврасону ҷавонон мусоидат кунад, аз ҷонидби дигар, ба риоя гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи **«Масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»** мусоидат мекунад.

Гуянд ҳангоми ба донишгоҳи Стелленбоши Африкои ҷанубӣ ворид гаштан дар болои дарвозаи донишгоҳи навиштаҳои зерин овехта шудааст: **«Нест кардани ҳар миллате ба истифодаи бомбаҳои ҳастаӣ ё истифодаи мушакҳои дӯрпарвоз ниёз надорад. Он танҳо мунҷар ба коҳонидани сатҳи таълим аст ва таввасути донишҷӯён додани иҷозати фиребу тақаллуб дар имтиҳонот таҳқиқ мепазирад. Он гоҳ натиҷа ба ин минвол хоҳад буд: Беморон аз дасти чунин пизишкон мемиранд. Биноҳо аз дасти чунин муҳандисон фурӯ мерезанд. Пул дар дасти чунин иқтисоддонон ва ҳисобдорон гум мешавад. Одамгарӣ аз дасти чунин “донишварон”- и дин мемирад. Адолат аз дасти чунин доварону қозиён зоеъ мегардад. Сукути низоми омӯзиш-сукути миллат аст».**

Воқеъан барои расидан ба ҷомеаи солиму мутараққи саҳми ҷавонони худогоҳу масъулитнок хеле муҳим ва муфид буда, таълиму тарибия намудани онҳо вазифаи ҷонии мактабу маориф низ ба ҳисоб меравад. Барои расидан ба ин мақсад дар ҳама зинаҳои таҳсилот бояд, ки таълиму тарбия дар сатҳи баланд ва ҷавобгу ба талаботи имрӯзи ҷаҳони мусир ба роҳ мондан шавад. Чун, ки тарқи ёфтани илму техника ва пешрафти бесоибиқаи он дар замони муосир ба ҳайёти инсоният низ тағиротҳои навро ба миён гузошт. Ин вазъ мор бо он водор месозад, ки махсусан ҷавонон, ки захираи бузурги ҳар як давлату миллат мебошанд, дар руҳияи баланди ватандӯстию худшиносии милли, ҳимоятгари марзу буми ватани аҷдодии хеш ва эҳтиром гӯзоштан ба таъриху фарҳанги умуми милли ҳидоят намоем.

Дар ин роҳи тақдирсоз вазифаи асосии мактабу маориф ва омӯзгорон дар баробари омӯзонидани илму дониш, инчуни ба таълиму одоб ва ҳидояту раҳнамоии шогирдон рост мебошад. Ин масъулият бояд ба меъёри ахлоқии фаъолияти омӯзгорон табдил ёбад. Ҳақ ба ҷониби Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад, ки фармудаанд: **«Омӯзгор дар раванди таълиму тарбия ҳуқуқи хато карданро надорад, зеро тақдири насли ояндасоз ва пешбарандаи давлату ҷомеа дар дасти ӯст».** Яъне омӯзгор дар раванди таълиму тарбия баробари падару модар ва шахсоне, ки онҳоро иваз мекунанд нақши асосӣ

дорад ва раҳнамои маънавӣ барои ба камол расонидани насли шоистаи миллат, масъул аст.

Оре саҳми омӯзгор дар ҳама давру замон баҳри таълиму тарбияи насли наврас ва баланд бардоштани маърифату ҷаҳонибинии онҳо махсусан ҷавонон муҳим мебошад. Дар мавриди таълиму тарбия намудани ҷвонону наврасон гузаштагони мо аз ҷумла олимон, файлосуфон, адибон, мутафаккирони классики тоҷику форс, ки аз муваффақтарин омӯзгорони даврони хеш ва саромади касби пуршарафи омӯзгорӣ ҳисоб меёбанд, менигарем дар асарҳои илмӣ, назмию насрии худ масъалаҳои марбути илмӣ, таълиму тарбия ҷавонон хеле фикрҳои фоидабахшу муфидро гуфтаанд.

Аз ҷӯмла афкори педагогии Шоҳиди Балхӣ, Абӯшукури Балхӣ, Дақиқӣ, Фирдавсӣ, Ибни Сино ва дигарон нисбати тарбияи насли наврас аҳамияти худро ҳоло ҳам гум накардаанд. Чунончи, дар боби тарбия ва одоб Абӯшакури Балхӣ овардаанд:

*Ба ҳангоми барноию кудакӣ*
*Ба дониш тавонӣ ёфтан зӯракӣ.*
*Дарахт ки хурдак бувад, боғбон*
*Бигардонад ӯро, чу хоҳад чунон,*
*Чу гардад калон, натвонадаш,*
*Ки аз каҷҷию хам бигардонадаш.*

Афкори халқи тоҷик чун адабиёти классикии он хеле бой аст. Бештари асарҳои намояндагони барҷастаи адабиёти классикии форс – тоҷик, ки роҷеъ ба масъалаҳои одаму одамгарӣ, адолату некукорӣ, илму маърифат, фазлу адаб, мардию ҷавонмардӣ, донишу амал — ҳамаи намудҳои тарбия ва фазилатҳои неку бади инсонӣ дахолат намудаанд, шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардаанд. Чунончи, «Тадбири манзил», «Шифо», «Урҷуза фит — тиб», фаслҳои аввали «Ал – қонун» — и Ибни Сино «Рушноинома» ва «Саодатнома» — и Носири Хусрави Қабодиёнӣ (1004 — 1088), «Бӯстон» ва «Гулистон» — и Саъдии Шерозӣ (1203 — 1292), «Баҳористон» — и Абдураҳмони Ҷомӣ (1414 — 1492) «Маснавӣ» - и Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ ва ғайраҳо ҳамин гуна хусусият доранд.

Аз ҷумла Абӯалӣ ибни Сино (980 — 1037) оид ба тамоми намудҳои тарбия фикрҳои муфид баён кардааст, ки имрӯз ба дарди касби педагогӣ низ даво аст. Аз онҳо фақат чанд лаҳзаи марбутро зикр кардан кифоя аст, ки бо гуфтаҳои боло ҳамоҳангӣ доранд.

Ибни Сино тарафдори таълими тафриқа буд. Дар рисолаи «Тадбири манзил» навиштааст: ***«Устод бояд бидонад, кӣ наметавонад ба ҳар шогирд ҳар санъатеро таъмин кунад, балки ҳар кадом аз шогирдон завқу шоистагии омухтан ва фаро гирифтани саноати махсусро доранд. Бояд ба ҳар кас***

***муносиби завқу истеъдодаш саноат омӯхт, вагарна таълиму тарбия натиҷаи номатлуб медиҳад».***

Хоҷа Насриддини Тусӣ (1218 — 1293) дар «Ахлоқи Носирӣ» фикри Ибни Синоро тақвият дода, «табиати кӯдак ва сиришти ӯро» ба назар гирифта менависад: ***«Беҳтар ва шоистатар он аст, ки ба табиати кӯдак, тариқи фаросату зиракии ӯ эътибор диҳанд ва донанд, ки истеъдод чӣ навъ илму ҳунарро барои ёд гирифтан дар ниҳоди ӯ сиришта бошад, ӯро ба он навъи ҳунар машғул гардонанд. Зеро ҳама кас ба ёд гирифтани ҳама чизҳо истеъдод надорад».***

Вақте, ки мо ба гуфтаҳои боло назар менамоем, чунин бар меояд, ки барои беҳ намудани раванди таълиму тарбия моро мебояд аз муассисаҳои томактаби (боғчаҳо) ин амалро шуруъ намуда, то наврасону ҷавононро, ки ояндасозу давомдиҳандаи миллат ва фондии тиллоии ҳар як давлату миллат маҳсуб меёбанд, дар руҳияаи балад тарият намоем. Ҳамзамон омӯзгорони имрӯзаро зарӯр аст, ки таҷрибаи кишварҳои пешрафтаро дар самти туълиму тарби намудани ҷавононо амиқ омӯхта, ба меъёрҳову қонунҳои кишвар аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон **«Дар бораи маориф»** мутобиқ намуда, то сатҳу сифати таълиму тарбияи дар ҳама сатҳи зинаҳо таҳсилот беҳтар гадордонида шавад.

Дар **«Тавсиянома дар бораи мақоми омӯзгор дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**, ки бо қарори мушовири Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми июли соли 2011 тасдиқ гардидааст, омадааст: *«Омӯзгор ҳангоми таълиму тарбияи шогирдон ба падару модарон, парасторон ё шахсони онҳоро ивазкунанда ҳамкорӣ мекунад, онҳоро бо раванди тарбияи таълимгирандагон ҷалб менамоянд. Омӯзгор сари вақт падару модарон ва ё парастрони онҳоро аз ҳолати таълиму тарбияи фарзандон огоҳ менамоянд. Омӯзгор ҳақ надорад иттилоотҳоеро, ки таълимгиранда, падару модар ё ҳамкорон ба ӯ бовар кардaнд, ба истиснои ҳолатҳои пешбинишудаи қонунгузорӣ, ба шахсони дигар ошкор намоянд. Омӯзгор ба падару модарон ва ё парастрони онҳо оид ба мушкилоти фарзандонашон маслиҳатҳо медиҳад, дар бартараф кардани ихтилофоти байни падару модар ва кӯдакони онҳо ёрӣ мерасонад. Муносибатҳои мутақобилаи байни омӯзгор ва падару модар, инчунин парасторони онҳо тибқи принсипҳои эҳтирому боварии ҳамдигарӣ, некхоҳӣ, боодобӣ ва беғаразӣ ба роҳ монда мешавад».*

Ҳамчуни дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон **«Дар бораи маориф»** вазифаҳои мактаб чунин муайян шудааст:

- *ташкил кардани комитети падару модарон;*
- *ба таълими ҳатмӣ фаро гирифтани хонандагон;*
- *ҷалби падару модарон ба ҳаёти мактаб;*
- *тарғиботи корҳои педагогӣ дар байни волидайн;*

- *алоқаи мактаб ба ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва корхонаҳои сарпараст;*
- *пешгирии беназоратии бачагон ва қонуншикании онҳо;*
- *ташкили истироҳати бачагон;*
- *ҳамкорӣ бо волидайнҳои хонандагон.*

Тадқиқотҳо ва таҷрибаҳо оиди тарбиявӣ нишон медиҳанд, ки тарбияи дурусти ҷавонон дар хона пеш аз ҳама аз муносибати хуби падару модар ба якдигар ва муҳити солимии оила вобастагии калон дорад. Вале оилаҳои ноустувору носолиме ҳам ҳастанд, ки ба мактаб ҳамкорӣ накарда ба ташаккулу инкишофи наврасону ҷавонон таъсири манфӣ мерасонанд, ки онҳо чунинанд:

*– оилаҳое, ки ба таври объективӣ шароитҳои на он қадар хуби тарбияви доранд;*

*– волидайнҳое, ки меъёрҳои муносибатҳои оилавиро намедонанд, ба бадмасти машғуланд;*

*– оилаҳое, ки дар байни зану шавҳар доимо муноқиша, ҷангу ҷанҷол шуда меистад;*

*– оилаҳое, ки шароитҳои хуби иҷтимоию иқтисодӣ доранд, вале волидайнҳо ба айшу ишрат машғул шуда, аз тарбияи фарзандонашон дур мондаанд;*

Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд мекунанд: **«Ҷавонон бояд сабақҳои истиқлолиятро ҳамаҷониба омӯзанд, аз равандҳои сиёсати имрӯзаи кишвар огаҳ бошанд, таърихӣ гузаштаву ҳозираи халқи худро гаштаю баргашта аз худ карда, аз Ватан, миллат, забон ва фарҳанги худ ифтихор намоянд».** Сарвари давлат дар роҳи бунёду таҳкими давлати соҳибтамаддун ва бофарҳанг, нигоҳ доштани истиқлолияти давлатӣ нақш ва мақому мартабаи ҷавононро хело муҳим арзёбӣ менамоянд. Маҳз ҳамин истиқлолияти давлатӣ буд, ки барои рушду ташаккулёбии ҷаҳонбинӣ ва тафаккури созандаи онҳо ҳамчун нерӯи пешбарандаи ҷомеа тадбирҳои зиёде ба тасвиб расиданд, ба мисли Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон **«Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон», «Консепсияи миллии сиёсати давлатии ҷавонон», «Старатегияи сиёсати давлатии ҷавонон то соли 2020»** ва ғайра. Ҳамаи ин санаду барномаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки таваҷҷуҳи давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин қишри иҷтимоии ҷомеа ҷиддист. Ҷавонони мо ба қадри тинҷию амонӣ, ободиву оромӣ, сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ мерасанд. Шукргузорӣ аз неъмати бебаҳои истиқлолияти сиёсӣ менамоянд. Зеро дар дунё ҳастанд давлату ҷомеаҳое, ки аз ҷиҳати ҳаҷму сарҳад, ё ин ки аз ҷиҳати миқдору шумора бамаротиб аз аҳолии ҷомеаи мо дида зиёдтаранд, вале, мутаассифона, соҳибистиқлол нестанд, миллат надоранд, давлату забон надоранд, парешону пора - пора шуда истодаанд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» на танҳо бо масъул гардонидани падару

модар дар таълиму тарбияи фарзанд қабул гардидааст, балки ба фарзандони болиғу қобили меҳенат вазифаҳои махсусро вогузор кардааст. Аз ҷумла, дар он муқаррар шудааст, ки: “Фарзандони болиғу қобили меҳнат вазифадор карда шуданд, ки падару модари худро нигоҳубин намуда, онҳоро аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ дастгирӣ намоянд”. Дар ҳолати иҷро накардани уҳдадориҳои мазкур, фарзанди болиғу қобили меҳнат бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.